آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

9 июли соли 2025
Чоршанбе
№ 55 (15170)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАҚШАҲОИ ОЯНДАДОРИ ҲАМКОРИҲО БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев раиси раёсати ҶС «Газпром нефт» Александр Дюковро қабул кард.***

Нақшаҳои дурнамои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ин ширкати пешбари Русия дар маҷмааи нафту газ тибқи «харитаи роҳ»-и дахлдор баррасӣ шуданд.

Ба татбиқи тадбирҳои муштарак ва лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар пешбурди корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ, азхудкунии конҳои комплексӣ, рақамикунонии соҳа, омода кардани мутахассисоне, ки талаб зиёд аст, диққати махсус дода шуд.

**ЎзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ МУҲОКИМА ШУДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқоти телефонӣ анҷом доданд.***

Масъалаҳои муҳими рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои ҳамкории шарикии стратегӣ ва иттифоқии густурдаи байни Ӯзбекистон ва Русияро муҳокима карданд. Ба татбиқи созишномаҳои дар сатҳи олӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи тиҷоратию иқтисодӣ ҳосилшуда диққати махсус дода шуд.

Аҳамияти идомаи корҳои ҳамоҳангшуда ва ҳамкориҳои амалии байниидоравӣ ҷиҳати афзоиши нишондиҳандаҳои гардиши мол, пешбурди лоиҳаҳои кооператсияи саноатӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, тавсеаи робитаҳои истеҳсолӣ дар сатҳи минтақавӣ, табодули фаъоли фарҳангӣ, гуманитарӣ ва таълимӣ қайд карда шуд.

Дар ин замина зарурати омодагии ҳамаҷониба ба ҷамъомади дуюми Шӯрои минтақаҳои Ӯзбекистону Русия, таъмини самарабахшии он, ки дар тирамоҳи соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, таъкид гардид.

Роҳбарони давлатҳо ҳамчунин доир ба рӯзномаи байналмилалӣ табодули афкор намуда, нақшаи чорабиниҳои ояндаро баррасӣ карданд.

**ЎзА.**



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Alp Bahodir Nor»-и шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё аз ҷумлаи корхонаҳоест, ки бо суръати мунтазам инкишоф меёбанд.*

*Ин корхона фаъолияти худро соли 2018-ум оғоз кард. Дар аввал тӯрхалтаҳои полиэтиленӣ дар ҳаҷми кам истеҳсол мешуданд. Тӯли солҳои сипаришуда дар ин ҷо ҳам номгӯй ва ҳам ҳаҷми маҳсулот зиёд гардид.*

***Дар сурат:*** *Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Alp Bahodir Nor»-и шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ТАШКИЛИ МУҲИТИ БЕХАТАР ДАР МАҲАЛЛАҲО МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии чораҳо бобати ҷилавгирӣ аз ҷинояткорӣ ва таъмини волоияти қонун дар маҳаллаҳо шинос шуд.***

Аввалин қарори сарвари давлат дар аввали сол маҳз ба ҳамин масъала нигаронида шуда буд. Дар ин қарор, ки 3 январ ба имзо расид, барои ниҳодҳои соҳа дар соли 2025 пешгирии саривақтии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳар як маҳалла чун вазифаи устувор муқаррар гардида, ба маҳаллаҳое, ки вазъи криминогенӣ вазнин аст, роҳбарон ном ба ном вобаста карда шуданд.

Дар шаш моҳи сипаришуда дар асоси «харитаи роҳҳо»-и мақсаднок аз рӯйи ҳар як вилоят, ноҳия ва маҳалла низоми босамари профилактикаи иҷтимоӣ роҳандозӣ шуд, ҳаҷми рақамикунонии ҷойҳои ҷамъиятӣ афзуд, аз ҷониби омӯзишгоҳҳои ҳифзи ҳуқуқ тадқиқотҳои илмиву амалӣ гузаронида шуданд.

Ба пешгирии ҷинояткорӣ миёни ноболиғон, ҷавонон, занон ва дар доираи муносибатҳои оилавӣ-маишӣ диққати махсус зоҳир карда шуд. Дар натиҷа дар 5200 маҳалла ягон ҷиноят содир нагардид.

Лекин ҳанӯз маҳаллаҳое ҳастанд, ки вазъи криминогенӣ вазнин аст. Таъкид гардид, ки бо пурзӯр намудани фаъолияти нозирони профилактикӣ, хадамоти ҷустуҷӯи зудамал, постҳои патрулӣ ва хидмати посбонӣ, амнияти аҳолӣ дар маҳалҳо таъмин карда шавад. Зарурати ба поин фаровардани тамоми система ва ба «минтақаи аз ҷиноят озод» табдил додани ҳар як маҳалла ёдовар карда шуд.

Дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ҳолатҳои нашъамандӣ бисёр ба чашм мерасанд. Бо вуҷуди мубориза бо онҳо, нест кардани воситаҳои зараровар ва лабораторияҳо, мушкилот комилан бартараф нашудааст. Аз ин рӯ, бо истифода аз назорати видеоӣ ва зеҳни сунъӣ муайян кардани паҳншавии маводи мухаддир ва комилан аз байн бурдани манбаи он таъкид гардид.

Боз яке аз мушкилоти муҳими имрӯза киберҷиноят аст. 42 дарсади ҷиноятҳоеро, ки аз аввали сол дар мамлакат содир шудаанд, ин «иллат» ташкил кардааст.

Аз ин лиҳоз, имзо гардидани Қарори Президенти Ӯзбекистон аз 30 апрели соли 2025 «Дар бораи чораҳое, ки ба боз ҳам пурзӯр кардани фаъолияти мубориза алайҳи ҷиноятҳои бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ содиршуда нигаронида шудаанд» аҳамияти бузург касб кард. Зарурати пешгирии ҷиноятҳои киберӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии аҳолӣ дар ин самт, таъмини манфиатҳои мизоҷон ва амнияти молиявӣ дар низоми пардохт тариқи татбиқи пурраи вазифаҳои он таъкид гардид.

Баланд бардоштани сатҳи дониш ва таҷрибаи коргарон талаби замон мебошад. Аз ин рӯ, такмили фаъолияти Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар назар аст. Аз ҷумла, тадриҷан зиёд кардани квотаи қабул, кушодани самтҳои нав ва рушди таълими дуалӣ ба нақша гирифта мешавад.

Роҳбари давлат ҷиҳати мутобиқ кардани барномаҳои таълимӣ ва тахассусӣ ба хавфу хатарҳои замонавӣ, баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва равонии кормандон супориш дод.

Системаи корҳои дохилӣ бо прокуратура ва дигар идораҳои ҳуқуқу тартибот якҷоя кор мебарад. Бахусус, вазъи криминогении ҷумҳурӣ ҳамарӯза таҳлил гардида, чорабиниҳои назоратии мақсаднок гузаронида мешавад. Сабаби ҳар як ҷиноят омӯхта шуда, ҷиҳати дубора такрор нагардидани онҳо чораҳо меандешанд. Барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии шахсоне, ки қаблан суд шудаанд ё зери назорати маъмурӣ қарор доранд, кӯмак расонида мешавад.

Аз рӯйи пурзӯр намудани ҳамоҳангӣ ва зудамалии байниҳамдигарии кори идораҳои ҳуқуқу тартибот, саривақтӣ муайян кардани омилҳои асосии қонуншиканиҳо, қатъиян кам кардани ҷинояткорӣ вазифаҳои иловагӣ муқаррар гардиданд. Таъкид гардид, ки сулҳу осоиш ва волоияти қонун дар мамлакат, шарти муҳими рушди иқтисодӣ, некӯаҳволии аҳолӣ мебошад.

**ЎзА.**

## ҲИССАИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР САВДОИ ЭЛЕКТРОНИИ ЧОРЧӮБАИ СҲШ РӮ БА АФЗУДАН АСТ

***Соли 2023 дар шаҳри Сиан вохӯрии сарони давлатҳои дорои мақоми «Чин – Осиёи Марказӣ» баргузор гардида, дар он эъломияи ҳамкории дуҷониба ба имзо расид.***

Дар ҳамон давра дар минтақаи иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар шаҳри Тсиндао хидмати савдои электронии «Роҳи бузурги абрешим» таъсис ёфт.

Дар муддати кӯтоҳ шумораи кишварҳое, ки аз майдони электронии он ва пойгоҳи иттилоотӣ истифода мебаранд, ба 31 адад расид. Ӯзбекистон ҳамчун яке аз кишварҳое қайд шуд, ки ҳаҷми савдои электрониро фаъолона афзоиш медиҳад.

Яке аз рақамҳои муҳим: соли 2024 ҷамъ 51 фоизи гардиши мол байни давлатҳои узви СҲШ маҳз тавассути маркази савдои электронии Тсиндао ба қайд гирифта шуд. Ин нишондиҳанда тақрибан 300 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Маркази савдои электронии «Роҳи бузурги абрешим» як маҷмааи калон ба ҳисоб меравад, ки намоишгоҳи молҳои барои савдо пешниҳодшуда, анборҳо бо иқтидори 6,8 миллион тонна ва маҷмааи нақлиётӣ-логистикиро дар бар мегирад. Масалан, нақлиёти боркаш аз Тсиндао то Маскав гарчанд масофа 9 ҳазор километрро ташкил медиҳад, дар муддати кӯтоҳтарин — 7 рӯз мерасад. Аммо борҳо дар маркази савдои электронии Тсиндао аз назорати гумрукӣ гузашта, иҷозати ҳаракати бемамоният мегиранд. Аз ин рӯ, онҳо танҳо барои пур кардани сӯзишворӣ ист мекунанд. Чунин суръат метавонад бо роҳи оҳан рақобат кунад.

– Притсепҳои мо ба мизоҷон дар даҳҳо кишвар, аз ҷумла Русия, Беларус, Арманистон, Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Қазоқистон ва ғайра хидмат мерасонанд, – мегӯяд менеҷери ширкати логистикӣ Чен Чжен. – Дар бозгашт онҳо мева, гӯшт ва маҳсулоти саноатиро меоранд. Пас аз намоишгоҳи ЭКСПО, ки рӯзҳои 17-18 июл дар Тсиндао баргузор мешавад, интизор меравад ҳиссаи Ӯзбекистон дар системаи маркази савдои электронии СҲШ ба ҳисоби молҳои нав боз ҳам афзоиш ёбад.

**Муҳаммадҷон ОБИДОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Муносибат*

## ИБТИДОИ ЗИНАИ НАВ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДӢ

***Чанде пеш дар майдони молиявии байналмилалӣ барои Ӯзбекистон навгонии муҳим эълон шуд. Агентии байналмилалии рейтингии «Fitch Ratings» дараҷаи рейтинги қарзи суверении кишвари моро аз «BB-» ба «BB» баланд бардошт. Ҳамзамон, интизории рейтинг дар сатҳи «устувор» нигоҳ дошта шуд. Ин қарор боз як далели эътирофиислоҳоти макроиқтисодӣ, интизоми молиявӣ ва сиёсати иқтисодии кушода аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.***

Дар ҳисоботи расмии агентӣ зикр шудааст, ки омилҳои асосии болоравии рейтинг — чораҳои қатъӣ ҷиҳати маҳдуд кардани сатҳи таваррум (инфлятсия), коҳиш додани камбуди буҷаи давлатӣ ва қадамҳои ҷиддӣ дар амалӣ кардани тағйироти сохтории иқтисодӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар соли 2024 кам шудани камбуди буҷаи давлатӣ то 3,3 дарсад нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, кам кардани субсидияҳо дар соҳаи энергетика ва тадриҷан озод кардани нархҳо, ки ба сабук шудани бори буҷа мусоидат мекунанд, ҳамчун дастовардҳои муҳим қайд гардидаанд.

Ислоҳот дар соҳаи энергетика на танҳо сарфакории молиявиро таъмин мекунад, балки ба таҳкими интизоми сиёсати фискалӣ низ хидмат менамояд. Ин имконият медиҳад, ки маблағҳои давлатӣ мақсаднок ва самаранок истифода шаванд ва барои сармоягузорони хориҷӣ муҳити боз ва шаффоф фароҳам гардад.

Ҳамчунин, тадриҷан озод кардани тарифҳо мутобиқ ба тамоюлҳои бозорӣ, қадамҳои муҳим дар самти ташаккули қобилияти худтаъминкунии соҳа гузошта мешаванд.

Ғайр аз ин, баҳои мусбати «Fitch Ratings»-ро дигар агентиҳои бонуфузи рейтингӣ низ дастгирӣ мекунанд. Масалан, агентиҳои байналмилалии рейтингии «S&P» (Standard & Poor's) ва «Moody's» низ дар моҳҳои охир интизории рейтинги Ӯзбекистонро аз «устувор» ба «мусбат» тағйир додаанд.

Ин нишон медиҳад, ки боварии институтҳои молиявии байналмилалӣ ва сармоягузорон ба кишвари мо афзуда, онҳо ба дурнамои иқтисодиёти Ӯзбекистон бо назари мусбат менигаранд.

Дар ин ҷода бояд гуфт, ки рейтинги «BB» дар миқёси байналмилалии раддабандӣ муҳити сармоягузории миёнаро нишон медиҳад. Аммо баланд шудани рейтинг аз «BB-» ба «BB» маънои онро дорад, ки ислоҳоти иқтисодӣ пайваста ва системавӣ амалӣ мегарданд ва саъю кӯшишҳои ҳукумат дар самти ба даст овардани устувории макроиқтисодӣ натиҷа медиҳад.

Ин на танҳо ба коҳиши арзиши қарзи давлатӣ мусоидат мекунад, балки ба таҳкими мавқеи кишвар дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ низ хидмат менамояд.

Аҳамияти амалии чунин баҳогузориҳои мусбат дар он аст, ки рейтингҳои баланд, ки аз ҷониби агентҳои байналмилалӣ муайян мешаванд, яке аз омилҳои муҳими ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҳисоб мераванд. Зеро сармоягузорони байналмилалӣ, бонк ва институтҳои молиявӣ пеш аз ҳама ба суботи иқтисодӣ ва сиёсии кишвар маҳз тавассути чунин рейтингҳо баҳо медиҳанд. Аз ин рӯ, рейтинги «BB»-и «Fitch Ratings» заминаи боваринокест, ки Ӯзбекистонро ҳамчун шарики боз ҳам боэътимод дар майдони байналмилалии молиявӣ муаррифӣ мекунад.

Умуман, баҳоҳои мусбат, ки аз ҷониби агентиҳои байналмилалии раддабандиҳо ба иқтисодиёти кишвари мо дода мешаванд, танҳо як нишондиҳанда нестанд, балки ифодаи равшани боварӣ ба сиёсати пайвастаи давлат мебошанд.

Ин бошад, дар навбати худ, ба таҳкими бештари робитаҳои иқтисодии байналмилалии Ӯзбекистон, ҷалби лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувор дар оянда хидмат мекунад.

**Абдулло АСЛОНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ДОНИШКАДАИ НОМДОР, УСТОДОНИ ФИДОКОР ВА ДОНИШҶӮЁНИ ТАШАББУСКОР

***Чанде пеш дар саҳифаи расмии рӯзномаи «Овози тоҷик» дар телеграм бо мақсади муайян кардани гурӯҳҳои таълими ибтидоии фаъолу пешқадам дар байни чор гурӯҳи муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ – Донишкадаи соҳибкорӣ ва омӯзгории Деҳнав, Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия, Донишкадаи давлатии омӯзгории Тирмиз ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ пурсишнома гузаронида шуд ва дар он беш аз чор ҳазору сад нафар шаҳрвандон овоз доданд.***

***Бино ба натиҷаҳои ҷамъбастӣ гурӯҳи тоҷикии таълими ибтидоии Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия 3273 овоз ҷамъ оварда, бо фарқи калон аз дигар муассисаҳои таълими олӣ пирӯз гардид. Тибқи супориши рӯзнома аз ин боргоҳи бонуфузи таълимӣ боздид ба амал оварда, роҷеъ ба дастоварду комёбиҳои омӯзгорон ва шогирдони он матолиб омода кардем.***

**(Давомаш дар саҳ.4).**



**_Дар ноҳияи Учқӯрғон ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ меафзоояд. Дар ин ҷо аз заминҳои наздиҳавлӣ истифода бурда, маҳсулоти гуногунро парвариш мекунанд._**

# СОДИРОТИ МЕВАИ ШИФОБАХШ

Соҳибкор Мирзоҳид Холматов яке аз кордонони соҳа ба шумор меравад.

Ӯ дар 30 сотих замин парвариши маҳсулоти дорувор – голубика (кабудбутта)-ро ба роҳ монда, ҳосили аввало ба фурӯш баровард.

– Дар бораи ин мева маълумот шунида будам ва дар дилам мақсади парвариши он пайдо шуд, – мегӯяд Мирзоҳид. – Голубика барои якчанд беморӣ шифо будааст. Дар таркиби мева витаминҳои C, K, B6 ва антиоксидантҳо мавҷуд буда, аз тарафи олимон «суперфуд» гуфта эътироф шудааст.

Бо маслиҳат ва нишондодҳои мутахассисони Палатаи савдову саноати вилоят фаъолият сар карда будем. 7 ҳазор бех кӯчати буттаро шинонда, парвариш намудем. Ба ҳавои хунук тобовар, аммо гармиро хуш намедидааст. Барои ин аз болои дарахтҳо бо воситаи дастгоҳи махсус обпошӣ мекунем. Маҳсулоти авваларо ба кишварҳои ҳамсоя – Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон фурӯхтем. Ҳар як килограмми маҳсулот ба 50 долларӣ фурӯхта шуд.

# БИНОҲОИ ХИЗМАТӢ ВА ИСТИҚОМАТӢ БА ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ



Дар ноҳияи Чортоқ биноҳои хизматӣ ва истиқоматӣ ба хизматчиёни ҳарбии шуъбаи ҳифзи сарҳадии қисми ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатӣ супорида шуд.

Дар ин биноҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо шароиту имконияти зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар тадбир ҳокими вилоят, роҳбари сектори ҳарбӣ-маъмурӣ Шавкат Абдураззоқов, роҳбарони секторҳои вилоятӣ, вакилони ҷамоатӣ, нурониҳо, аскарон ва хизматчиёни ҳарбӣ иштирок карданд. Ҳокими вилоят соҳибони хонаро табрик намуда, дар бораиислоҳоте, ки дар роҳи мустаҳкамсозии мудофиаи мамлакатамон амалӣ мегардад, сухан кард. Таъкид намуд, ки дар мамлакатамон беҳтар кардани тарзи зиндагонии оилавии ҳарбиён, барои онҳо таъмин намудани ҳаёти фаровон яке аз масъалаҳои асосии рӯз ба шумор меравад.

Ба соҳибони хона калидҳо супорида шуд. Иштирокчиёни тадбир ба хонаҳо даромада, бо шароит ва имконҳои фароҳамоварда шинос шуданд.

– Бо тақозои касб лозим меояд, дар ҳудудҳои гуногун фаъолият барем, – мегӯяд хизматчии ҳарбӣ Ҷалолиддин Холдормирзоев. – Истиқоматгоҳи нав ба ҳар як оила хурсандӣ овард. Барои имконияту шароитҳо ба роҳбари давлатамон, ба бинокорон таҳсин мегӯем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

**_Барои мусофирон метро нақлиёти қулай, осон ва зудбар ба ҳисоб рафта, дар гармо салқин ва дар сармо гарм мебошад. Бояд таъкид намуд, ки имрӯзҳо метро серодамтарин нақлиёти шаҳр ба шумор меравад. Метрополитени Тошканд дар Осиёи Марказӣ ягона буда, сохтмони он моҳи июли соли 1972 оғоз ёфтааст. Аз ин минтақа баъзе ашхос маҳз барои тамошои он мешитобанд. Солҳои аввали истифода аз метроро пеши назар меоварем. Вагонҳо тозаву озода, мусофирон нисбати имрӯз ба маротиб кам, аммо ба назар мерасид, ки онҳо маданиятнок, ботартиб, хушмуомила ва мулоҳизакор буданд. Ба қоидаҳои истифода аз метрополитен риоя мекарданд. Ҷавонон ба куҳансолон, маълӯлон ва кӯдакдорон ҷой медоданд. Имрӯз-чӣ?_**

# ТАЪМИНИ ҲАРАКАТИ МУСОФИРОН ДАР МЕТРОПОЛИТЕН

Имрӯз ба қоидаҳои истифода аз метрополитен, умуман нақлиёти мусофиркашон риоя намекунанд. Бархе мусофирон баробари худ сумкаву борҳои гуногунро низ медароранд. Кӯдакдор ё солхӯрдае вориди нақлиёт гардад, ҳастанд ҷавононе, ки чашмашонро аз телефон наканда, худро ба нодонӣ мезананд. Рӯзе вориди метро шудам. Рӯ ба рӯям ҷавоне менишаст. Ду-се истгоҳ гузашт ҳам, ҷой надод. Марди солхӯрда, ки дар паҳлуяш менишаст, ба ҷавон рӯ оварда гуфт:

– Писарам, ба холаат ҷой намедиҳӣ?

– Ман ҳам нишастан мехоҳам, – бепарвоёна ҷавоб дод ҷавон. Аз ин рафтори ҷавон пирамард дарғазаб шуд ва худ ба ман ҷой дод. Ҷавони бепарво чашмашро аз телефон намеканд. Баъди ду истгоҳ пирамард ғурғуркунон аз вагон фаромад...

– Ҳангоми ҳаракат дар метрополитен, кормандони он ва мусофирон бояд ҳушёр, огоҳ ва боэҳтиёт бошанд. Дар ҳолати ошкор гардидани ашёҳои шубҳаовар ва партофташуда дар роҳрав, вестибюл, платформаҳои истгоҳ ва дохили вагонҳо бояд ба кормандони навбатдори метрополитен ё кормандони мақомоти корҳои дохилӣ фавран хабар диҳанд.

Мусофирон ва дигар шахсон мувофиқи талаботи қонунии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вазифадоранд, ки борҳои худро барои тафтиш пешниҳод намоянд. Агар мусофирон ва дигар шахсон аз гузаштан аз тафтиш худдорӣ намоянд, ба метрополитен роҳ дода намешаванд, – гуфт дар рафти суҳбат нозири истгоҳи «Пахтакор»-и метрополитен Дилбар Наҷмиддинова.

– Дар ҳар як вагони метро тоблуҳо доир ба қоидаҳои истифода аз метро ва ба он чӣ гуна риоя намудан овезон аст. Бояд ҳар як шаҳрванд онро хонад ва азхуд намояд.

**– Дар иншоотҳои инфрасохтории метрополитен ва минтақаҳои амниятӣ ба чӣ гуна қоидаҳо бояд риоя кард?**

– Баромадан ба болои парапет ва монеаҳо, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, моводи мухаддир, моддаҳои психотроп ва аналогҳои онҳо ё ворид шудан дар ҳолати мастӣ, тамокукашӣ, сигаретҳои электронӣ ва нос, дар ҳудуди метрополитен бе пойафзор ва ё бе либос гаштан, ба истгоҳ бо бор, хӯрокворӣ ё чизҳое, ки метавонад либоси мусофирон, вагон, иншоот ва таҷҳизоти метрополитенро ифлос намояд, инчунин бо велосипед, мопед, скутер ва дигар воситаҳои ҳаракаткунанда, бо пуфакҳое, ки бо газҳои оташгиранда пур шудаанд, ворид шудан, гузоштани кӯдакон бо пойафзори ифлос ба курсиҳои вагонҳо ё ҷойгир кардани борҳои калонҳаҷм, кушодани дарҳои вагонҳо дар вақти ҳаракат ва ист, берун баровардани узвҳои бадан аз тирезаҳои вагон, партофтани ашё ё дигар партов, амалӣ кардани савдо дар платформаҳои истгоҳ ва дохили вагонҳо, халал расондан ба фаъолияти метрополитен, аз ҷумла паҳн кардани иттилооти дурӯғ дар бораи ҳолатҳои хатарнок барои ҳаёт ва саломатии мусофирон, даровардани ашёҳои теғдор, сӯзаншакл ва шикананда бидуни ғилоф, амалҳое, ки ба кори эскалатор халал мерасонанд, нишастан рӯи онҳо ё гузоштани бор, – иттилоъ дод Д. Наҷмиддинова.

**– Доир ба ӯҳдадориҳои мусофирон маълумот медодед?**

– Ҳангоми гузаштан аз нуқтаҳои назорати автоматӣ борҳои калонҳаҷми бар китф, ки монеа эҷод мекунанд ва барои дигар мусофирон дар вақти ҳаракат дар вагон нороҳатӣ меоранд, бояд гирифта шаванд, барои ҳар як боре, ки дарозии он аз 150 см то 220 см аст, пардохт бояд анҷом дода шавад. Дар ин сурат, агар андозаи бор аз ҳадди муқарраршуда зиёд бошад, ҳаққи роҳ ҳамчун ҳаққи як мусофир ҳисоб карда мешавад, дар зинапояҳои эскалатор нишастан, ба дастакҳо такя кардан ё бор гузоштан, инчунин дар эскалатор давидан манъ аст, кӯдакони хурдсолро бояд аз даст дошта ё бардошта бурд, ба онҳо иҷозат дода нашавад, ки ба қисмҳои ҳаракатнакардаи эскалатор такя кунанд ва ҳангоми бо аробачаҳои кӯдакона ба поён ё боло рафтан, кӯдакро ба даст гирифт, то он даме, ки поезд пурра дар истгоҳ боз намешавад, аз хатти сарҳад нагузашт, ба дарҳои вагон набояд такя кард, ба воридшавӣ ва хориҷшавии мусофирон халал нарасонд.

**– Ӯҳдадории кормандони метрополитенро низ донистан мехоҳем.**

– Кормандони метрополитен ҳуқуқ доранд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи ҳаракати ройгонро дар метрополитен медиҳанд, тафтиш кунанд, ҳангоми зарурат ба мусофирон кумак намоянд, аз мусофирон хоҳиш кунанд, ки кӯдаконро бе назорат нагузоранд, ба таҷҳизоти метрополитен зарар нарасонанд, ба мусофирон дар бораи масири ҳаракаташон маълумот диҳанд, талаб намоянд, ки онҳо аз хатти сарҳадӣ дар платформа нагузаранд, қабул ва гусели поездҳоро таъмин намуда, назорати воридшавӣ ва хориҷшавии бехатари мусофиронро анҷом диҳанд.

Мусоҳиб

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# НАҚША ИҶРО ШУД, ДАРАВИ ҒАЛЛА ИДОМА ДОРАД

**_Кишоварзони вилояти Фарғона нақшаи имсолаи шартномавии ба давлат супурдани ғалларо иҷро карданд. Даравӣ ғалла идома дорад._**



Мувофиқи маълумоти расмӣ дар вилояти Фарғона 2 ҳазору 917 хоҷагӣ барои ҳосили соли ҷорӣ дар 94,3 ҳазор гектар ғалла кишт карданд. Барои дар муддати кӯтоҳ ташкил намудани ҷамъоварии ҳосил аз даҳҳо комбайни нав истифода бурда шуд. Дар баробари ин, 340 бригадаи ҷамъоварии ғалла ташкил карда, онҳоро бо 340 комбайни ғалладарав ва 1 ҳазору 700 автомошинаи боркаш таъмин намудаанд.

Гуфта мешавад, то ҳол ба ҷои 281 ҳазор тоннаи нақшаи шартномавӣ 281 ҳазору 183 тонна (ё ба ҳисоби фоиз 100,7) ғалла ба корхонаву ташкилотҳои қабулкунанда интиқол дода шудааст. Ҳосил ба ҳисоби миёна 80 сентнериро ташкил кардааст.

Дар рафти ҷамъоварии ҳосил ноҳияҳои Бешариқ, Бувайда, Қӯштеппа ва Учкӯприк аз аввалинҳо шуда нақшаи муқарраршударо барзиёд иҷро карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ОИЛА – ПОЯИ АСОСИИ РУШДИ ҶОМЕА

**_Тавре маълум аст, сатҳи рушди ҷомеа аз суботи сиёсӣ, рушди рӯзафзуни иқтисодиёт, сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва кафолатҳои боэътимоди давлат дар таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо муайян карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, арзишҳои дигари муҳим низ вуҷуд доранд, ки муносибати ҷомеа ба онҳо дараҷаи ахлоқ ва маънавияти онро муайян мекунад. Ба чунин арзишҳо оила, кӯдак ва зан дохил мешаванд. Аз таваҷҷуҳе, ки давлат ба ин гурӯҳҳо зоҳир мекунад, метавон дараҷаи одилонаи ҷомеаро арзёбӣ кард._**

Нақши оила дар ҳаёти ҷомеа чунон бузург аст, ки онро бо пуррагӣ метавон пояи асосии ҳар як ҷомеа номид. Оила ҳамчун як воҳиди иҷтимоӣ дар ҳаёти сокинони Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Зеро ба таври анъанавӣ дар Шарқ оила ва арзишҳои оилавӣ дар зиндагии инсон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Маҳз дар муҳити оила, ҳамчун институти асосии тарбия, шахсият ташаккул меёбад ва принсипу дидгоҳҳои асосии зиндагӣ ба ӯ омӯхта мешаванд.

Оила — як ҷаҳони хоссаест, ки дар он одамон пеш аз ҳама бо робитаҳои хешутаборӣ, ҳисси муҳаббат, вафодорӣ ва ёрии мутақобила пайвастанд.

Ҳамзамон, оила як шакли махсуси ҳаёти иҷтимоӣ низ ба шумор меравад, зеро ягон оила берун аз ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад. Оила бо асос ва дидгоҳҳои худ ба ҷомеа таъсир мерасонад ва дар навбати худ таъсири онро дар худ эҳсос мекунад. Аз ин рӯ, оила як ҷузъи ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, бевосита бо ҷомеа ва давлат алоқаманд аст.

Дар давлати демократӣ ба таҳкими пояҳои оила ва ҳифзи он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад, ки ин вазифаи конститутсионии он аст. Оила ҳамчун воҳиди асосии ҷомеа ҳақ дорад аз ҷониби ҷомеа ва давлат ҳимоят гардад, ки ин ҳуқуқ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мустаҳкам карда шудааст.

Тамоюлҳои асосии муносибатҳои дохилиоилавӣ эҳтиром, қадршиносӣ ва мақоми волои насли калонсол, идомаи анъанаҳо ва меъёрҳои рафтор, инчунин нақши бузурги зан дар ташкил ва ҳифзи оила ва тарбияи фарзандон маҳсуб меёбанд.

Барои таъмини устуворӣ ва некӯаҳволии оила, давлат бояд барои рушди ҳамаҷонибаи оила шароити иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам оварад, ба оилаҳои серфарзанд имтиёз ва кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи қонунгузориро таъмин намояд. Зеро ниҳоди мустаҳками оила асоси ҷомеаи шукуфо ба шумор меравад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ мекунад, ки оила заминаи бунёдии рушди ҷомеа, механизми асосии такрористеҳсол, муҳити муҳими иҷтимоӣ ва ташаккули анъана ва арзишҳои асосӣ боқӣ мемонад.

Дараҷаи ҳифзи оила, ҳуқуқи кӯдакон ва арзишҳои оилавӣ меъёри конститутсионии давлати иҷтимоӣ ва кафолатҳои аз ҷониби он пешниҳодшавандаро ташкил медиҳад, ки ба стандартҳои умумэътирофшудаи байналмилалӣ мутобиқат мекунад. Бесабаб дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак соли 1989 (моддаи 16) ва муқаддима таъкид нашудааст, ки оила ҳамчун «ячейкаи асосии ҷомеа ва муҳити табиӣ барои рушд ва некӯаҳволии ҳамаи аъзои он, бахусус кӯдакон, бояд ҳимоя карда ва ба он кӯмаки зарурӣ расонда шавад.

### Оила — дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати иҷтимоӣ

Дар Ӯзбекистон сатҳи конститутсионӣ дар ҳамчун институти асосии иҷтимоӣ эътироф шудани оила барои демократикунонии муносибатҳои оилавӣ, такмил додани меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ бо такя ба стандартҳои байналмилалӣ роҳ боз намуд. Дар кишвари мо кафолатҳои ҳифзи модар ва кӯдак фароҳам оварда шудаанд, низоми таълим ва омодагии касбии насли наврас ислоҳ шуда, бунёдҳои ҷамъиятии мухталиф таъсис ёфтаанд, ки ҳадафи онҳо таҳкими оила ва расонидани дастгирии моддӣ ба он мебошад. Ҳифзи оила аз ҷониби давлат тавассути қабули қонунҳои гуногун, инчунин расонидани кӯмаки маънавӣ ва моддӣ амалӣ мешавад.

Дар солҳои охир дар Ӯзбекистон як қатор сохторҳои нав, аз ҷумла: Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа, баробарии гендерӣ ва оила, Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои занон ва баробарии гендерӣ, Кумитаи занон ва оилаи Ӯзбекистон, инчунин Бунёди дастгирии занон ва оила таъсис ёфтанд. Ҳадафи онҳо расондани кумаки ҳамаҷониба ба занон ва мусоидат ба онҳо дар ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ ва хусусӣ мебошад.

Дар шароити муосири иҷтимоиву иқтисодӣ андешидани чораҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аҳамияти махсус ва саривақтӣ доранд. Тағйирёбии шароити иқтисодӣ то андозае ба сатҳи некӯаҳволии оила таъсир мерасонад ва хусусан барои оилаҳои серфарзанд, камбизоат ва яккаву танҳо сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоти моддӣ мегардад. Бо мақсади кам кардани таъсири ин мушкилот, давлат ва ҷомеа уҳдадор мешаванд, ки ба қишрҳои осебпазир ва оилаҳои камбизоат кӯмаки назаррас расонд.

Дар солҳои охир як қатор тадбирҳои системавӣ ҷиҳати расонидани кӯмаки маънавӣ ва моддӣ ба оилаҳои камбизоат ва ҷавонон амалӣ гардидаанд. Яке аз навовариҳо ин ҷорӣ кардани таҷрибаи додани қарзи таълимӣ ба оилаҳое гардид, ки ду ё беш аз он фарзандашон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо шартномаи пулакӣ таҳсил мекунанд. Шумораи грантҳои давлатӣ, ки барои таҳсилоти олӣ ҷудо мешаванд, 25% зиёд карда шуд ва теъдоди грантҳои давлатӣ барои занone, ки фарзанд доранд ва аз оилаҳои камбизоат мебошанд, ду баробар афзоиш ёфт. Аз соли 2020, тибқи қарори Ҳукумат, занон ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд тавсиянома гиранд. 15 августи соли 2022 қарори ҳукумат қабул гардид, ки мувофиқи он маблағи шартномаи таҳсилоти магистратура барои занон аз ҳисоби буҷети давлатӣ баргардонида мешавад. Дар доираи амалисозии Панҷ ташаббуси муҳими миллӣ дар минтақаҳои дурдаст сеххои дӯзандагӣ ташкил карда шуда, бо ҷойи корӣ даҳҳо ҳазор зан таъмин гардидаанд.

### Оила дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ

Дар тӯли зиёда аз бист соле, ки аз замони қабул гардидани Кодекси оила дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ) тағйироти куллӣ ба амал омаданд. Кодекс, умуман, аз озмоиши замон бо сарбаландӣ гузашт. Аммо зиндагӣ масъалаҳо ва вазифаҳои навро пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо аз такмил ва таҷдиди минбаъдаи қоидаҳо ва Конститутсияи амалкунанда вобаста мебошад.

Ворид намудани қоидаҳо ба Конститутсия, ки мувофиқи он падару модар ҳуқуқ доранд ва ӯҳдадоранд, ки барои тарбия, таълим, саломатӣ ва рушди комилу ҳаматарафаи фарзандони худ то ба синни балоғат расиданашон ғамхорӣ намоянд, ба баланд шудани масъулияти онҳо нисбат ба тақдири насли наврас хидмат мекунад.



Зарурати ворид кардани чунин ислоҳот ба Конститутсия самаранокии низоми дастгирии оиларо аз ҷониби давлат баланд мебардорад. Ин гуна тағйирот дар меъёрҳои байналмилалӣ инъикос ёфта, дар конститутсияҳои як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Олмон, Италия, Исландия, Булғория, Венгрия ва Латвия мустаҳкам шудаанд.

Яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ фароҳам овардани ҳамаи шароит барои рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакон мебошад. Дар Конститутсия зикр гардидааст, ки «Модарӣ, падарӣ ва кӯдакӣ таҳти ҳимояи давлат қарор доранд». Тибқи моддаи 76-уми Конститутсия, давлат барои рушди ҳамаҷонибаи оила шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигарро фароҳам меорад.

Ин тағйироти конститутсионӣ, ки соҳаи муносибатҳои оилавиро фаро мегиранд, муносибати стратегии давлатро нисбат ба ниҳодҳои оила ва кӯдак инъикос менамоянд. Ҳадафи ин муносибатҳо, аз як ҷониб, ташаккули арзишҳои конститутсионии дастгирии оила ва аз ҷониби дигар — таъсиси механизми мукаммали идоракунии давлатӣ ба шумор меравад.

Мушкилоти таваллуд ва тарбияи фарзандон танҳо масъулияти шахсии падару модар нест, зеро онҳо шаҳрвандони ояндаи ҷомеаро ба камол мерасонанд. Ин қоида дар моддаи 77-уми Конститутсия инъикос ёфтааст: «Волидон ва шахсони онҳоро ивазкунанда вазифадоранд, ки то расидан ба синни балоғат фарзандони худро таъмин намуда, барои тарбия, таълим, саломатӣ ва рушди комили онҳо ғамхорӣ зоҳир намоянд».

Оила дар Ӯзбекистон ҳамеша ҳамчун як ниҳоди муҳими иҷтимоӣ эҳтиром ва мақоми баланд дошта, то имрӯз низ чунин боқӣ мондааст. Аз ҳамин ҷиҳат, асосҳои ҳуқуқии оила, ки дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар шудаанд, имкон медиҳанд, ки нақши башардӯстонаи ҳуқуқи оила дар танзими муносибатҳои байни марду зан, инчунин дар тақвияти арзишҳои ахлоқии ин ячейкаи муҳим, ки пояи ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёбанда ва давлати ҳуқуқбунёд мебошад, боз ҳам таҳким ёбад.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

*Зикри хайр*

# СИНА МОЛОМОЛИ ДАРД АСТ...

***ё худ чанд хотирот аз олим ва рӯзноманигор Муҳаммадҷон Азимов***

Соли 1991 чун дар рӯзномаи «Овози тоҷик» акнун ба кор оғоз карда будам, маро лозим меомад зуд-зуд ба сафарҳои эҷодӣ баромада, баробари ҷамъ овардани маводи лозимӣ теъдоди обунаи рӯзномаро зиёд намоям.

Азбаски дар ин бобат ҳанӯз таҷрибае надоштам, бисёр вақт аз сафарҳо дилшикаставу ноумед бармегаштам. Бо вуҷуди ин, кор мекардам, бо одамон аз наздик ошно мешудам. Боре дар идораи рӯзномаи вилоятии «Сурхон тонги» бо ҷавонмарди миёнақади дилкушодае шинос шудам. Ӯ худро Муҳаммадҷон Азимов муаррифӣ кард. Вазифаи мудири шуъбаро дар ӯҳда доштааст. Баъдтар ӯ чанд сол сармуҳаррири ин рӯзнома ҳам буд. Маълум шуд, ки аслан дар ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо мактабро хатм карда будааст. Модараш тоҷику падараш аз табори қатағонҳои деҳаи Хатак буд. Забони тоҷикиро мефаҳмид, вале бо лаҳни шикаста ҳарф мезад. Оилаи онҳо баъдтар ба ноҳияи Ангор мекӯчад. Муҳаммадҷон факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм карда, кори номзадии хешро дар мавзӯи «Ҳофизи Шерозӣ – шоири ғазалсаро» дифоъ мекунад. Дар ин мавзӯъ чандин мақола низ чоп кардааст. Суҳбаташ дилнишин буд. Чун аз вай бобати обуна пурсон шудам, иброз дошт, ки ҳокимияти Сурхондарё рӯзномаи онҳоро аз ҳар ҷониб дастгирӣ мекунад. Ӯ гуфт, ки агар роҳбарияти рӯзнома ба ҳокими вилоят дар ин боб бо номаи расмӣ муроҷиат кунад, ба обунаи он кӯмак хоҳад кард.

Он рӯз мо бо акои Муҳаммадҷон суҳбати тӯлонӣ ва хотирмон доштем.

Ӯ ба ман хеле писанд афтод. Аз ин рӯ, чун сафарам ба маркази вилоят рост меомад, ӯро надида ба идорае намерафтам.

Ин шиносоӣ ба бародарӣ табдил ёфт.

Муҳаммадҷон Азимов мусоҳиб ва машваратчии доимии ман, ба хусус дар кори обуна гардид. Ӯ рӯзномаи моро мунтазам мутолиа мекард, дар бораи маводи он андешаҳои хешро баён менамуд. Азбаски банда аз даврai донишҷӯӣ ба навиштани ҳикоя шавқ доштам, гоҳ-гоҳ дар рӯзнома ҳикояҳоям чоп мешуданд. Аз ҷумла «Силаи қисмат» ном ҳикоям чоп шуд. Рӯзе ҳамон шумораро ба акои Муҳаммадҷон тақдим кардам. Чун бори дигар вохӯрдем, ӯ маро гармакак табрик намуда, иброз дошт, ки онро тарҷума карда, ба таҳририяти рӯзномаашон супурдааст ва пас аз чоштгоҳ кай чоп шудани онро аниқ хоҳад кард.

Ҳамон рӯз бегоҳӣ ба идораи «Сурхон тонги» омадам. Ӯ ҳанӯз машғули кор буд.

Маро дидан баробар аз ҷо хеста табрик кард. Ва афзуд:

— Ҳикояро котиби масъул хонда, ба ман баргардонд. Сабабашро пурсам, мегӯяд, ки муаллиф қаламкаши машҳур нест, мабодо, аз ҷое рӯйбардор карда бошад. Ба ӯ чизе нагуфта, назди сармуҳаррир даромадам ва хоҳиш кардам, ки ҳикояро ҳамчун муҳаррир хонда барояд. Пас аз як соат ӯ маро бо наздаш хонда, ҳикояро ба дастам дода гуфт, ки хеле хуб аст ва боз дар мавзӯи таърихӣ. Ба ман писанд омад. Ва дафъатан пурсид, ки оё муаллифро мешиносед.

— Гуфтам, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» кор мекунад.

Муҳаррир каме таваққуф намуда, гуфт, ки вай ҳам шуморо мешиносад, чанд бор дар ҷаласаҳои ҳокимият ҳамроҳ будем. Дар айни ин суҳбат котиби масъул низ ба утоқи муҳаррир даромад. Ҳикояро аз дасти ман гирифта ба котиби масъул дода гуфт, ки онро дар саҳифаи чаҳорум ҷой диҳад. Ҳамин тариқ, аввалин ҳикояи банда бо забони ӯзбекӣ тарҷума шуд ва бо хайрхоҳии Муҳаммадҷон Азимов чоп гардид.

Мо бо журналист Искандари Мирзо ёдномаи деҳаи Дарбандро ба чоп омода мекардем.

Маводҳоро аз ҳар ноҳия бо кӯмаки ҳамдиёрон ғун карда, ба навиштани ин китоб оғоз намудем. Рӯзе Муҳаммадҷонака аз ин иқдоми мо бохабар шуда, бо хушҳолӣ гуфт:

— Аҷаб кори хайре мекунед. Аз он пас чун ҳар бор рӯ ба рӯ оем, аз кору бори мо пурсон мешуд, барои ҳарчи зудтар анҷом доданӣ ин кори хайр маслиҳатҳо медод. Боре аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар бораи Шариф Бобоев — ҳамдиёри мо, яке аз ташаббускорони ободкунии заминҳои лалмии дашти Музработ, ки ӯ низ шиносоӣ дошт, хотираҳои хешро нависад. Ӯ ин хоҳиши маро ба ҷо овард. Дар бораи ин марди накӯном як очерки хеле хонову хотирмон нигошт, ки ба бисёр дарбандиён писанд омад.

Акои Муҳаммадҷон дар суҳбате гуфт, ки намунаҳои эҷодамро ба ӯ супорам, онро ба забони ӯзбекӣ тарҷума мекунад. Ман ба вай ҳикояи «Арвоҳзада»-ро додам. Як ҳафта нагузашта онро дар саҳифаи рӯзномаи «Сурхон тонги» хондаму ба Муҳаммадҷонака занг зада, изҳори миннатдорӣ кардам.

Тавре дар боло гуфтам, Муҳаммадҷон Азимов олими хуб ҳам буд.

Китобҳои гуногунро бо забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мутолиа мекард. Дар бораи таърихи ин ду миллат маълумоти зиёд дошт. Дар бораи воҳаи Сурхон, шаҳри Тирмиз чанд китоби таърихӣ-публистистӣ чоп карда буд. Аз адабиёти ӯзбек ва тоҷик бохабар буд. Шеърҳои шоирони классикро баъзан бадоҳатан қироат мекард. Чун маврид омад, ба мо дар бораи устодаш, олими нотакрор, тасаввуфшинос Наҷмиддин Комилов хотираҳои хешро нақл мекард. Мегуфт, ки ҳукумати давр хидматҳои беназири ӯро қадршиносӣ накард. Ба бисёр олимони хасакӣ унвонҳои баланд доданд, вале хидматҳои беназири ӯ аз назарҳо дур монданд...

Ӯро дар рӯзномаи «Сурхон тонги» ҳамчун эҷодкори беғаразу хайрхоҳ эътироф мекарданд. Акои Муҳаммадҷон ба ҳама аз дасташ ояд, беғаразона кӯмак мекард. Шахсони боистеъдодро ситоиш менамуд. Маоши ночиз мегирифт, вале заифнолӣ намекард. Чун синнаш ба нафақа расид, дар паҳлӯи ҳамкорон корро идома дод, вале шахсоне пайдо шуданд, ки дар ғайбаш неш мезаданд.

Аз ин рӯ, аз даргоҳе, ки зиёда аз чил сол кор карда, нони ҳалоли рӯзноманигорӣ мехӯрд, ариза навишта аз кор рафт. Ӯро ба филиали Донишгоҳи аграрии Тошканд, ки чанд шуъбааш дар шаҳри Тирмиз фаъолият дошт, даъват карданд.

Боре бо акои Муҳаммадҷон вохӯрда, дар бораи кору бори наваш пурсон шудам. Гуфт, ки дар донишгоҳ ба сифати рӯзноманигор кору фаъолият дорад. Ҳайрон шуда дубора пурсидам, ки чӣ хел дар донишгоҳ рӯзноманигор даркор будааст.

— Ҳа, додар, дар ин ҷо агар ба касе як коғазро сиёҳ кун, гӯйӣ, ба ҳар ду по мелангад. Корҳои ба навиштан вобастаро ректор ба дӯши мо бор кардааст. Маошаш хуб.

Ман он рӯз ӯро хеле ошуфта дидам. Баъди чанд рӯзи ин вохӯрӣ шунидам, ки барои истироҳат ба шаҳри Тошканд рафтааст. Баъди як ҳафтаи он хабари нохуш расид. Шиносу дӯстон гуфтанд, ки акои Муҳаммадҷон дар ин шаҳр ба ковид мубтало гашта, дар ҳамон ҷо аз олам гузаштааст. Боварам намеомад. Симои гарму хандаҳои беолоишашро ба ёд оварда, афсӯс мехӯрдам, вале чӣ илоҷ...

Ҳоло ин марди накӯномро ба ёд оварда, ин байтҳои Ҳофизи Шерозиро, ки ӯ дар мавридҳои зарурӣ зери лаб такрор мекард, аз дил гузарондам:

*Сина моломоли дард аст,*
*эй дареғо марҳаме,*
*Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад,*
*худоро ҳамдаме.*
*Чашми осоиш, кӣ дорад аз*
*сипеҳри тезрав,*
*Соқиё, ҷоме ба ман деҳ,*
*то биосоям даме.*

**Нуралӣ РАҶАБ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Варзиш*

# АФРӮЗАБОНУ – ГРОССМЕЙСТЕРИ ҶАВОН ДАР БАЙНИ БОНУВОН



***Дар шаҳри Актубаи Қазоқистон мусобиқаи байналхалқии «Мемориал Дворкович» баргузор гардид, ки дар он варзишгари самарқандӣ, аъзои дастаи мунтахаби Ӯзбекистон, чемпиони дукаратаи ҷаҳон оид ба шоҳмот дар байни наврасон Афрӯзабону Ҳамдамова ширкат варзида, рейтинги хешро ба 51 зина зиёд ва меъёри гроссмейстери байналхалқиро иҷро кард. Боиси ифтихору хушнудист, ки ӯ акнун ҷавонтарин гроссмейстер дар Ӯзбекистон аст.***
***Бо ҳамин муносибат иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Адиз Бобоев ӯро ба ҳузури худ пазируфта, суҳбат орост ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супурд.***
***Мо аз фурсат истифода бурда, ба гроссмейстери ҷавон бо чанд суол муроҷиат намудем.***

**– Афрӯзабону, иҷозат диҳед, аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» бо ин муваффақият табрик гуфта, комёбиҳои нав ба нав таманно намоем.**

– Ташаккур! Ман хеле хушҳол ҳастам, ки нашрияи мазкур дар бораи ман ва шоҳмот бисёр чизҳоро навишта, ба хонандагон пешниҳод менамояд. Воқеан, модари ғамхорам Шабнам Исматова хатмкардаи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, падари бузургворам Акбар Ҳамдамов низ ба матбуоти тоҷик дилбастагӣ доранд.

**– Аҷиб, чӣ сабаб шуд, ки шумо ба бозии шоҳмот завқу шавқ пайдо кардаед?**

– Агар хотирам фиреб надиҳад, се ё чорсола будам. Он айём қариб ҳар бегоҳирӯзӣ дӯстони қиблагоҳам ба хонадони мо омада, ба қавле рӯйи тахтаи шоҳмот «набардҳои шадид» авҷ мегирифт. Мо, фарзандон бо шавқу ҳавас ҳаракати муҳраҳоро тамошо мекардем. Дар ғайби падарам донаҳои онро ронда, калимаҳои маъмули «кишт!», «мот», «қалъабандӣ» ва ғайраро гуфта хурсандӣ мекардем.

Ман қаблан аз навиштану хондан ҳарфҳои шоҳмот ва гашти донаҳои онро ёд гирифтам. Оҳиста-оҳиста бо бародарам Сиёвуш бозӣ карда, ҳатто чанд маротиба пирӯзӣ насибам гашт. Баъд падарам маро назди мураббӣ Шаҳоб Ҳамроқулов бурда, гуфтанд, ки «ана ба шумо шогирд!»

Раҳматӣ Шаҳобака инсони хоксору росткор, ҷиддӣ, серҳаракату серталаб буданд, ки ду нафар писарашон – Иброҳим ва Ҷӯрабек ҳоло гроссмейстерҳои байналхалқӣ, яке дар қитъаи Амрико, дигаре дар Испания ҳастанд.

Вақте ки ба ман аввал дар Самарқанд, баъд дар миқёси Ӯзбекистон ҷойҳои фахрӣ насибам гашт, ба чемпионати ҷаҳон роҳхат доданд. Дар Эрон дар байни 7-солаҳо ба шоҳсуфаи баланд баромадам ва мадҳияи давлатӣ танинандоз гардид.

Сипас, дар дигар мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ медалҳои тиллоро гирифтам.

**– Хабардор ҳастем, ки шумо ба беш аз бист мамлакати ҷаҳон сафар кардаед. Дар кӯлвор, яъне борхалта чиҳо мегиред ва меоваред?**

– Албатта, китобҳои дарсӣ ва бадеӣ. Зеро дар синфи 10-уми мактаби миёнаи рақами 42-юми шаҳри Самарқанд таҳсил гирифта, бо устодону ҳамсинфон тавассути онлайн суҳбат ороста, сабақ мегирам. Гарчанде забони модариам тоҷикист, вале ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ мутолиа намуда, хосатан, дар олами шоҳмот истеъдоди худро сайқал медиҳам. Дар хориҷа аксарияти мардум бештар ба забони англисӣ ҳарф мезананд.

**– Ба кадом шатранҷбозон эҳтиром доред?**

– Пол Морфӣ, Капабланка, Александр Алёхин, Михаил Ботвинник, Борис Спасский, Михаил Тал ва дигарон мактаби хоси худро доранд, ки аксари бозии онҳо ҳавасбарангез аст. Ҳангоми таҳлил ва аз назар гузаронидани чунин бозиҳо бисёр чизҳоро омӯхтан мумкин аст.

**– Ҳоло мураббии шумо кист?**

– Ана ба ин савол ҷавоб намедиҳам. Дар олами шоҳмот чунин қоида мавҷуд. Аммо бо маслиҳату машварати падарам ба қувваозмоӣ тайёрӣ мебинам.

**– Дар вақти холӣ бо чӣ кор машғул ҳастед?**

– Сайру саёҳат, гулпарварӣ, сурудхонӣ, дар хона бо модарам таомҳои маъмулии миллӣ пухтан ҷону дилам.

**– Дар як шабонарӯз чанд соат ба шоҳмот вақт ҷудо мекунед?**

– Дар ҳар давру замон, кишвару муҳит ҳар хел. Аммо чунин мешавад, ки гоҳо хӯрок хӯрдан фаромӯш гардида, шабҳо бедорхобӣ низ ҳаст.

**– Баъди бозиро бохтан, чӣ ҳолат рух медиҳад?**

– Шоҳмот на аввал дораду на охир. Таърих гувоҳ, ки чемпионҳои ҷаҳон низ бисёр маротиба нашъаи мағлубиятро чашидаанд. Агар ман мағлуб шавам, рақибро табрик гуфта, сипас мустақил бо мураббиён бозиро таҳлил карда, аз пасиислоҳи иштибоҳ мешавам.

**– Ҳар як шатранҷбоз услуб, ҷараён, яъне бо ибораи шоҳмот, дебют дорад. Шумо бештар ба кадоми онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунед?**

– Агар бо донаҳои сафед бозӣ кунам, аз дебюти испанӣ ё партияи русӣ бештар истифода мебарам.

**– Нақшаҳо аз чиҳо иборатанд?**

– Ба наздикӣ дар шаҳри Батумӣ Ҷоми ҷаҳон баргузор мешавад ва ман шарафи Ӯзбекистонро ҳимоя мекунам.

**– Афрӯзабону, ба шумо комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.**

– Сипосгузорам!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Дар ҷевони китоб*

# ТУҲФА БА ТАШНАГОНИ АДАБИЁТ




***Зарафшону Сурхон аввалин хостгоҳи шеъри форсии тоҷикӣ будаву дар тӯли таърихи дароз бисёр адибону донишмандонро дар оғӯши худ парварда, эҷоди онҳоро боли парвоз бахшидааст. Имрӯз дар масканҳои мазкур шеъру адаби тоҷикӣ барпост ва ворисони Рӯдакӣ анъанаҳои адабиро бо меҳру муҳаббат идома медиҳанд, ки нишонаи дар ҳамаи давру замонҳо пойдор мондани шеъру шоирист.***

Ба наздикӣ китобе бо номи «Аз Зарафшон то Сурхон» аз ҷониби нашриёти «Эр-граф»-и шаҳри Душанбе рӯйи чопро дида, пешкаши ҳаводорони адабиёт гардид. Дар тазкира мухтасари зиндагинома ва намунаҳои эҷодиёти 69 нафар адибони маъруф ва ҷавони номашҳури Ӯзбекистону Тоҷикистон аз ҷониби Иброҳими Наққош ва Саодат Сатторӣ гирд оварда шудааст. Аҳамияти «Аз Зарафшон то Сурхон» дар он аст, ки хонандагони тоҷики ин ду ҷумҳуриро бо вазъи адабиёти имрӯза ошно месозад, қаламкашонро аз бурду бохти эҷодии ҳамдигар огоҳ мекунад, инчунин дар густариши робитаҳои адабию фарҳангии ин ду кишвар саҳм мегузорад.

Муҳтавои китоб хонандаро ба омӯхтани илму дониш, хислатҳои неки инсонӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба падару модар, саҳмгузорӣ ба рушду равнақи ҷамъияту Ватан ва ба инсофу диёнат даъват менамояд. Ин омилҳо барои тарбияи ҷавонон ва ба роҳи рост ҳидоят кардани онҳо дастурамали хубест.

Ба қавли муаллифи сарсухан, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Равшани Ҳамроҳ «Албатта, тазкираи «Аз Зарафшон то Сурхон» аз норасоиҳо орӣ нест. Зеро дар он намунаи осори натанҳо шоирону нависандагони соҳибтаҷриба ва маъруф, инчунин намунаҳои назму насри бисёре аз навқаламону ҳаваскорони камтаҷриба низ гирдоварӣ шудаанд. Мураттибони тазкира бо мақсади ҳавасмандӣ ва ба адабиёт дилгарм кардани чунин муаллифон намунаи навиштаҳои онҳоро фароҳам овардаанд. Камбудии хеле ҷиддӣ дар назми онҳо риоя нашудани вазни арӯз ва роҳ ёфтани сактаҳост. Истифодаи ноогоҳона аз санъатҳои бадеӣ ва имконоти забони тоҷикӣ, адами мантиқ ва норӯшаниҳо, корбурди саҳлангорона аз таносубҳои забонзада ва қолабҳои тайёри обшуста ва норасоиҳои дигари навиштаҳои онҳост».

Дар ҳар сурат маҷмӯаи нави муаллифон қалби хонандагони ташна ба шеърро то андозае забт менамояд ва шинохти ӯ дар ин ҷода домани худро боз фарохтар месозад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Навбаҳор Ҳомидоваи фарғонагӣ аввалин боксчӣ занест, ки дар баҳсҳои ҷоми ташкилоти Ворлд Боксинг медали тиллоро ба даст даровардааст. Шаҳри Остонаи Қазоқистон ба даврай навбатии баҳсҳои ҷоми ташкилоти Ворлд Боксинг мизбонӣ намуд. Дар он ҷамоаи яккачини занон бо роҳбарии Элшод Расулов иштирок намуда, мусобиқаро бо як медали тилло ва 4 биринҷӣ ҷамъбаст намуданд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.***

# ЭЪТИРОФИ ФИЛМИ «СУЮНЧИ» ДАР КОРЕЯИ ҶАНУБӢ

***Филми «Суюнчи»-и коргардон Мелис Абзалов сазовори унвони «Беҳтарин филм» дар нахустин Ҷашнвораи байналмилалии синамои мардумии «Incheon International Folk Film Festival» гардид, ки 26-28 июн дар шаҳри Инчхони Кореяи Ҷанубӣ баргузор шуд.***

Дар чорчӯби фестивал коргардонҳо аз кишварҳои гуногун филмҳое пешниҳод карданд, ки анъанаҳо, урфу одат ва мероси ғании фарҳангии халқҳои худро инъикос мекарданд. Филми «Суюнчи», ки ба таври комил ба ин ҳадафҳои баланди маънавӣ ва бадеӣ ҷавобгӯ аст, дар байни зиёда аз 40 филми давлатҳои гуногун, на танҳо ба эътибори ҳайати ҳакамон сазовор гардид, балки қалби тамошобинони байналмилалиро низ забт кард.

Ин филм бо амиқият ва таъсиргузории худ анъанаҳои қадимӣ, арзишҳои оилавӣ ва урфу одатҳои миллии халқи ӯзбекро нишон медиҳад. Филми «Суюнчи» на танҳо бо қиссаи зебо ва симоҳои ҷолибаш, балки бо саҳнаҳое, ки унсурҳои эҷодиёти шифоҳӣ ва фолклори мардумиро дар бар мегиранд, ба эътибори хос сазовор гардид.

Ҳайати ҳакамон филмро ҳамчун «асаре, ки моҳирона фолклор ва забони муосири синаморо омехта, фазои таҳаммулпазирӣ ва меросгузории наслҳоро самимона интиқол медиҳад», номбар карданд.

Эътирофи филми «Суюнчи» дар сатҳи байналмилалӣ дастоварди бузург барои санъати синамои Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад ва бори дигар иқтидори эҷодии синамогарони кишварамонро собит месозад. Ин пирӯзӣ инчунин далели афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалии синамо ба мероси фарҳангии Ӯзбекистон мебошад.

Дар доираи чорабинӣ аз ҷониби сафорати кишвари мо намоиши бузурге баргузор гардид, ки ба таърихи қадимӣ, фарҳанг, анъана, санъат, имкониятҳои сайёҳӣ ва робитаҳои дӯстонаи ду



кишвар бахшида шуда буд. Дар давраҳо намоиши китобҳо ва роҳнамоҳо, ки мероси ғании фарҳангӣ ва имкониятҳои сайёҳии Ӯзбекистонро муаррифӣ мекунанд, либосҳои миллӣ, маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, заргарӣ, намунаҳои кандакорӣ, атласбофӣ ва дигар асарҳои ҳунари амалии мардумӣ пешниҳод гардиданд.

**АИ «Дунё»,**
*ш. СЕУЛ*

# ДОНИШКАДАИ НОМДОР, УСТОДОНИ ФИДОКОР ВА ДОНИШҶӮЁНИ ТАШАББУСКОР

(Аввалаш дар саҳ.1).

## ЯК НАЗАР БА ТАЪРИХ

Дар солҳои 70-уми асри гузашта бо талоши аҳли фарҳангу маърифат ва дастгирии бевосита собиқ котиби аввали ҳизби коммунистии Ӯзбекистон Шароф Рашидов дар шаҳри Самарқанд Донишкадаи педагогӣ ба номи Садриддин Айнӣ таъсис ёфт. Тӯли чанд сол дар ин боргоҳи таълимӣ на танҳо аз Самарқанд, балки аз шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои гуногуни мамлакат писаракону духтаракон таҳсил гирифтанд ва он соли 1992 бо баъзе сабабҳо фаъолияташро қатъ намуда, ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд пайваст.

Боиси эътироф аст, ки бо мақсади таъмини иҷрои Қарори Президент аз 27 феврали соли 2020 «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи соҳаи таълими педагогӣ», инчунин омода намудани кадрҳои рақобатпазир барои соҳаи таълими педагогӣ, баланд бардоштани сифати таълим, роҳандозии технологияҳои пешрафтаи таълимии Финландия дар соҳа Қарори Девони Вазирон аз 30 июни соли 2021 «Дар бораи чораҳои ташкили фаъолияти Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд» қабул гардид ва тибқи он донишкадаи нав таъсис ёфта, аз соли таҳсили 2021-2022 фаъолияти хешро оғоз намуд. Таълим дар шуъбаҳои рӯзона, шабона ва ғоибона бо забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ шуд.

Бояд гуфт, ки ҳадафи асосии донишкада на танҳо бозомӯзӣ ва роҳандозии таҷрибаи пешқадами Финландия, балки тавассути мутобиқу ҳамоҳангсозии низоми таҳсилоти мамлакат бо таҷрибаи ғании кишварҳои ҷаҳон дар соҳаи таълиму тарбия, омодасозии кадрҳои рақобатпазир, баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Ҳоло дар донишкада 5 факултет – фанҳои табиӣ, забонҳо, фанҳои дақиқ ва амалӣ, педагогика ва тарбияи ҷисмонӣ, инчунин таълими томактабӣ ва ибтидоӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо донишҷӯён аз рӯйи 19 ихтисос таълим мегиранд.

Дар донишкада ҷараёни таҳсил дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ, захираҳои электронӣ, ба таври фосилавӣ ва низоми кредитӣ-модулии таҳсил роҳандозӣ шуда, таълим бо забони англисӣ низ сурат мегирад. Толори дарс, утоқҳои трансформатсия, лабораторияҳои замонавӣ, марказҳои технологияҳои инноватсионӣ ва синфхонаҳо бо технологияи муосир таҷҳизонида шудаанд.

Маркази захираҳои ахбори донишкада беш аз 100 ҳазор адабиёти илмӣ ва бадеӣ, инчунин, феҳристи электронии китобҳои худро дорад, ки ин барои пажӯҳиши босамари устодон, олимони ҷавон ва донишҷӯёни боргоҳи таълимӣ мусоидат мекунад.

Маркази технологияҳои рақамии таълимӣ, Маркази коворкинги аксулкоррупсия ва Маркази психологии донишкада бо технологияҳои муосиртарин таҷҳизонида шуд, ки дар такмили дониши назариву таҷрибаи касбии таҳсилгирандагон аҳамияти бузург дорад.

Дар донишкада хобгоҳи мусоид, бароҳат ва барҳавои донишҷӯён дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ сохта шудааст, ки бунгоҳи хидмати тиббӣ ва ҳар як ошёна ошхонаи алоҳида, ҳаммом, ҳуҷраи ҷомашӯӣ ва утоқҳои махсус барои дарс тайёр карданро дорад. Дар майдончаҳои варзишӣ, толори пӯшидаи донишкада донишҷӯён метавонанд бо намудҳои гуногуни варзиш, чун гӯштӣ, атлетикаи вазнин, атлетикаи сабук, бокс ва гимнастика машғул шаванд.





## ДАР ПАРТАВИ ҲАМКОРИҲО

Дар боло гуфтем, ки донишкада бо муассисаҳои таълими олии хориҷӣ робитаҳои мустаҳкам дорад ва маҳз дар партави ин ҳамкориҳо имрӯз онҳо бо ҳам кадрҳоро иваз мекунанд. То ҳол ба бахши тоҷикии кафедраи «Таълими ибтидоӣ» низ чанд нафар устодон аз кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон омада, ба таҳсилгирандагон асрори илм омӯхтанд.

– Тайи чанд соли охир муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон густариш ёфта, ин ду давлати ҳаммарз сиёсати дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судмандро пеш мебаранд, ки ба манфиати ҳар ду ҷониб аст, – гуфт доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мастон Умедов. – Зеро Тоҷикистон бар асари умумияти таърихӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва марзҳои муштарак ҳамеша хоҳони густаришу таҳкими муносибатҳо бо ҳамсоядавлати Ӯзбекистон буд ва хоҳад монд. Имрӯзҳо мардуми ду кишвари соҳибистиқлол анъанаҳои дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро идома бахшида, ба рушду нумӯи робитаҳои хубу неки байни ду халқ саҳм мегузоранд. Ин аз он далолат медиҳад, ки решаҳои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ба умқи асрҳо расида, аз қадимулайём муносибатҳои дӯстӣ ва накӯ ҳамсоягӣ байни онҳо қавӣ буданд.

Алҳол, донишгоҳи мо бо Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия қарордоди ҳамкорӣ дорад ва камина дар заминаи ин ҳамкорӣ аз моҳи сентябри соли 2024 дар ин боргоҳи илму дониш ба донишҷӯёни тоҷикзабон сабақ медиҳам. Рост мегӯянд, ки «шунидан кай бувад, монанди дидан». Мо, як гурӯҳ устодони тоҷикистонӣ, ки дар Самарқанд фаъолияти педагогӣ дорем, аз шароите, ки дар донишкада барои мо фароҳам шудааст, мамнунем. Инчунин, дастовардҳои донишкада низ лоиқи таҳсинанд.




## РОБИТАҲОИ ҲАМКОРӢ ТАҲКИМ МЕЁБАД

Донишкада қариб бо 50 муассисаи бонуфузи таълими олии ҷаҳон робитаи ҳамкорӣ дорад.

– То ҳол профессор-устодони муассисаҳои таълими олии Финландия, Куриёи Ҷанубӣ, Русия, Туркия, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Чин ва дигар давлатҳо ба донишкадаи мо омада, бо раванди таълиму тарбия, шароити фароҳамшуда шинос гардиданд, – иброз дошт мудири шуъбаи ҳамкории байналмилалӣ Маҳмудҷон Ҷумъаев. – Ҳамзамон, кормандони мо низ аз боргоҳҳои таълимии ин мамлакатҳо боздид ба амал оварда, табодули таҷриба карданд. Танҳо соли гузашта 46 нафар профессорону муаллимони мо барои таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос ба хориҷа рафтанд. Моҳи апрели соли гузашта ҳайати намояндагони Донишгоҳи миллии Сеул таҳти сарварии профессор Ли Ҷонг Во ба донишкада омада, бо донишҷӯён сӯҳбат оростанд. Дар доираи ташрифи ректори Донишгоҳи давлатии Танбов (Русия) Павел Моисеев мо тавонистем оид ба ҳамкорӣ ва таҷрибаомӯзӣ шартнома имзо кунем. Бояд гуфт, ки ҳамкори асосии мо – Донишгоҳи Туркии Финландия мебошад ва то ба ҳол проректори мо Комил Куллиев ва устодонамон Нигина Ғуломова, Ирода Ӯтаева дар ин боргоҳи таълимӣ такмили ихтисос намудаанд.

Зикр гашт, ки таҳти ташаббуси ректори донишкада, доктори фанҳои фалсафа, профессор Шаҳзода Неъматова, ки қаблан проректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов доир ба масъалаҳои ҷавонон ва корҳои маънавию маърифатӣ буду аз соли 2023 сарварии ин боргоҳи таълимиро дар дӯш дорад, ҷиҳати таҳкими робитаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълими олии ҷаҳон корҳои шоён амалӣ мегарданд, барномаҳои пешқадами таълимӣ омӯхта шуда, дар раванди таълим роҳандозӣ мегарданд. Инчунин, маҳз бо ташаббуси Шаҳзода Шӯҳратовна ҳамкориҳои илмиву педагогӣ бо мактабҳои таълими ҳамагонии вилоят густариш ёфта, ҷиҳати баланд бардоштани сифату самаранокии таълими умумӣ чорабиниҳои муфид амалӣ мегарданд.





## МАСКАНИ КАДРҲОИ ЛАЁҚАТМАНД

Боиси эътироф аст, ки факултаи таълими томактабӣ ва ибтидоӣ яке аз факултаҳои калону пешқадам ва ҳамзамон таърихии донишкада маҳсуб ёфта, соли 1966 дар ҳайати собиқ Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Тарбияи томактабӣ ва услубиёти таълими ибтидоӣ» таъсис ёфтааст ва қариб шаст сол боз кадрҳои лаёқатманди педагогиро омода месозад.

Пас аз таъсиси донишкада тибқи қарори Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус аз 2 июли соли 2021 дар доираи самти таълими ибтидоии донишкада «Факултети педагогика» боз гардида, тӯли солҳои таҳсили 2021-2023 фаъолият намуд. Баъдтар дар асоси қарори Шӯрои илмии Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия аз 3 июли соли 2023 факултети «Таълими ибтидоӣ ва фанҳои гуманитарӣ» ташкил гардида, то 6 сентябри соли 2024 кор бурд.

Факултаи таълими томактабӣ ва ибтидоӣ мувофиқи қарори Шӯрои илмии донишкада аз 7 сентябри соли 2024 таъсис ёфт. Ҳоло бонуи ташаббускор, кордону ӯҳдабаро, дотсент Юлдуз Неъматҷонова, ки новобаста аз ҷавонии худ дар ҷодаи илм ба як қатор комёбиву дастовардҳо ноил гардидааст, декани ин факултет мебошад ва пайваста барои баланд бардоштани мақоми факултет на танҳо дар донишкада, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ талош менамояд.

Дар факултет ду кафедра – «Таълими томактабӣ» ва «Таълими ибтидоӣ» амал карда, таълим дар шаклҳои рӯзона, шабона ва ғоибона роҳандозӣ шудааст. Дар факултет ҷамъ 2029 нафар донишҷӯ таҳсил мегиранд. Ба онҳо 56 нафар профессор-устодон, аз ҷумла, 7 нафар дотсент, 6 нафар доктори фан (PhD), 14 нафар номзади фан ва омӯзгори калон, инчунин, ассистентон таълиму тарбия медиҳанд. Иқтидори илмии факултет 25 фоизро ташкил мекунад.

Ҳамзамон, дар факулта 65 нафар магистрантҳо аз рӯйи ду самт – «Назария ва методикаи таълиму тарбия (таълими ибтидоӣ) таҳсил мегиранд.

Дар кафедра бо мақсади пурмазмун ташкил кардани вақти холии донишҷӯён, афзунсозии завқмандии онҳо ба соҳа, инчунин, намоён кардани имкониятҳои эҷодии таҳсилгирандагон маҳфилҳои «Пайравони Улуғбек», «Гулшани китоб», «Сабақҳои методика», «Забони модарии завқовар», «Муҳаққиқи ҷавон», «Ҳусни хат», «Гулҳои умед», «Қаламкашони ҷавон» ва монанди ин фаъолият дорад.

Боиси ёдоварист, ки аз тарафи устодони кафедраи «Таълими ибтидоӣ»-и факултет таҳти сарварии мудири кафедра, иҷрокунандаи вазифаи профессор Фахриддин Шодиев ҷиҳати амалӣ намудани корҳо дар самтҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, маънавию маърифатӣ, илмӣ ва илмию методӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, дастгирии омӯзгорони ҷавону навкор, ташаккули тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва малакаҳои муошират дар донишҷӯён, такмили қобилияту маҳорати педагогӣ ва ташаккули таҷрибаи корбарии мустақилона дар онҳо корҳои шоён амалӣ мегардад. Мунтазам вохӯрию семинарҳои илмӣ ташкил гардида, натиҷаҳои корҳои илмӣ, педагогӣ ва эҷодии онҳо баррасӣ мешавад.

Дар кафедра чор номзади фан ва панҷ доктори фанҳои фалсафа фаъолият доранд.

## МУҲАББАТ БА РӮЗНОМА

– Камина хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳастам, – гуфт доктори фалсафа оид ба илмҳои филология Нодир Қаюмов. – Баъди хатми докторантура фаъолияти педагогии хешро ҳамчун дотсенти кафедраи «Таълими ибтидоӣ» ва ҷонишини декан оид ба корҳои илмӣ идома медиҳам. Дар донишкада ба донишҷӯёни бахши тоҷикӣ аз фанҳои «Забони модарӣ», «Методика ва омӯзиши забони тоҷикӣ» таълим медиҳам. Пайваста мекӯшем, то дар раванди таълим аз методҳои интерфаъол, технологияҳои муосир истифода намуда, шавқмандии шогирдон ва натиҷадории дарсҳоро афзун намоем. Маҳз бо ҳамин мақсад, дар дарсҳо аз рӯзномаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» фаровон истифода мебарем. Якҷо бо донишҷӯён роҷеъ ба забон, услуб, мазмуну муҳтавои матолиби онҳо баҳсу мунозираҳои судманд барпо менамоем. Бояд гуфт, ки торафт мазмуну мундариҷаи рӯзномаи «Овози тоҷик» беҳтар ва забони мақолаву матлабҳои он фасеҳу фаҳмотар мешавад. Мо қариб ҳар як шумораи онро баррасӣ менамоем, бурду бохташро муайян карда, мулоҳизаҳои худро ба мухбири минтақавӣ ё бевосита ба ҳайати эҷодии рӯзнома мефиристем. Боз як ҷиҳати қобили таваҷҷуҳи кори «Овози тоҷик» дар он аст, ки фаъолияти рӯзнома дар шабакаҳо беш аз пеш вусъат ёфтааст ва ин барои ҳар чӣ зудтар ва дар гӯшаи дилхоҳ дастрас намудани матолиби зарурии он аз ҷониби муштариён, аз ҷумла муаллиму донишҷӯён мусоидат мекунад. Инчунин, шогирдони мо иқдомҳои нав ба нави ҳайати рӯзнома, аз ҷумла, пурсишнома дар байни мактабҳо ва муассисаҳои таълими олии мамлакатро хуш истиқбол намуданд ва дар онҳо фаъол ширкат мекунанд. Умед дорем, ки доираи чунин ташаббусҳои шоистаи рӯзнома боз ҳам васеътар мешавад. Зеро ин ҳама барои эҳёи забони модарӣ, муайян кардани боргоҳҳои таълимии пешқадам, таҳкими ҳамкориҳо бо устоду шогирдони онҳо, инчунин, дарёфти истеъдодҳои нав ва дастгириву ҳавасманд намудани онҳо ба адабиёту матбуоту эҷод хидмат мекунад.

Дар омади гап таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар пурсишномаи байни гурӯҳҳои таълими ибтидоии чор муассисаи таълими олии ҷумҳурӣ ғолиб омадани факултаи мо низ аз муҳаббати шогирдонамон ба забони модарӣ ва рӯзномаи «Овози тоҷик», ки Устод Садриддин Айнӣ ва дигар равшанфикрони машъалафрӯзони мо таъсис додаанд, гувоҳӣ медиҳад.

## КОМЁБИҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ГУРӮҲИ ТОҶИКИИ ДОНИШКАДА НАЗАРРАСАНД

Воқеан, ба даст овардани комёбиҳо дар соҳаи таълим пеш аз ҳама бо омӯзгорони ботаҷриба ва имконоти фароҳамшуда вобастагӣ дорад. Бояд гуфт, ки дар зарфи ҳашт соли охир теъдоди муассисаҳои таълими олии мамлакат ба 201 адад расида, дар натиҷа фарогирии ҷавонон ба таълими олӣ аз 8,3 фоиз ба 47,7 фоиз афзуд. Мо чунин пешрафтро на танҳо дар сатҳи фарогирӣ, балки дар иқтидору салоҳияти илмии устодони боргоҳҳои таълимӣ диданамон мумкин аст.

Ҳоло дар кафедраи таълими ибтидоии факултет таълим бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ роҳандозӣ шуда, дар бахши тоҷикии равияи таълими ибтидоӣ устодони навҷӯю нававар – дотсентон М. Нуриддинова, Н. Қаюмов, С. Нуруллоев ва омӯзгорон М. Набиева, Л. Акрамова дар маҷмӯъ ба 112 нафар донишҷӯ, ки аз минтақаҳои гуногуни тоҷикнишини ҷумҳурӣ омадаанд, асрори соҳаро меомӯзанд.

– Ҳоло дар самтҳои таълими томактабӣ, таълими ибтидоӣ, математика, физика, биология, кимиё ва таърихи донишкада гурӯҳҳои тоҷикӣ амал мекунанд, – гуфт муаллими кафедраи педагогика Нигора Мирзоева. – Ман ба таҳсилгирандагони ин гурӯҳҳо тибқи барномаи таълимӣ аз фанҳои «Педагогикаи умумӣ», «Педагогикаи таълими ибтидоӣ», «Педагогикаи иҷтимоӣ», «Таълими фарогир», «Педагогикаи госпиталӣ», «Педагогикаи конфликтологӣ», «Тарбия дар таълими ибтидоӣ», «Тарбия ва методикаи хониши он» аз оғози таъсиси донишкада дарс медиҳам. Вақте дар бораи дастпарварони кафедраи «Таълими ибтидоӣ» ҳарф мезанем, бояд гуфт, ки донишҷӯёни бахши тоҷикии ин кафедра хеле фаъол ва ташаббускоранд. Онҳо дар конфронсҳои илмӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ фаъол иштирок мекунанд. Инчунин, мақолаҳои чанде аз шогирдонамон дар нашрияҳои даврӣ ва ҳатто дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ чоп шудааст.

Хуб медонем, ки таълим дар синфҳои ибтидоӣ пояи ташаккули шахсият, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш ва парвариш мебошад. Он ҳамчун муайянкунандаи комёбӣ ва нокомии мактаббачагони хурдсол дар фаъолияти минбаъдаашон нақши муҳим мебозад.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо кӯдакони ҳафтдаҳсола сару кор дорад. Аз ин хотир, вай бояд ҳамчун тарбиятгар мушфиқу меҳрубон, серҳаракат, чеҳракушоду ҳозирҷавоб бошад. Тахайюлоти бой, лафзи ширин, забони гӯё дошта бошад. Умед дорем, ки дар оянда ин шогирдони мо бо меҳнат, маҳорат ва муҳаббати худ ба касб мутахассиси ҳаматарафа ташаккулёфта ва варзида мешаванд, дӯстдори шогирдони худ гардида, ба мақсади ниҳоии хеш мерасанд. Ин бояд аз ҷумлаи рисолати азалии омӯзгор бошад. Шоир ба ин маънӣ барҳақ фармудааст:

*Куҷо ояндаи рӯшан тавон дид,*
*Набошад нури чашмони муаллим.*
*Ягон ҳосил ба хоки мазраи таб*
*Магар рӯйида бе дони муаллим?*
*Бидон парвозгоҳи миллати мо*
*Бувад дар рӯйи дастони муаллим.*

Воқеан, дар байни донишҷӯёни кафедраи «Таълими ибтидоӣ» шогирдони фаъолу пешқадам хеле зиёданд. Аз ҷумла, Ҳасан Амонов, ки худ дастпарвари мактаби таълими умумии рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё аст, ҳоло дар донишкада таҳсил мегирад. То ҳол беш аз 10 мақолаи ӯ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои маҳалливу хориҷӣ чоп шудааст. Натиҷаи чунин талош ва заҳмати Ҳасан дар ҷодаи таҳсил буд, ки соли 2024 ҷоизадори стипендияи давлатии ба номи Алишер Навоӣ гардид. Ғайр аз ин, шогирди донишкада, хатмкардаи мактаби ҳамагонии рақами 9-уми ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё Асадбек Юсуфов ба донишандӯзӣ майлу рағбати зиёд дорад ва маҳз бо мақсади идомаи таҳсил дар бахши магистратура чанде пеш соҳиби сертификати дараҷаи B2 гардид.

– Соли 2021 мактаби миёнаи рақами 33-юми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарёро бо медали тилло хатм карда, ҳоло дар ин донишкада таҳсил мегирам, – иброз дошт донишҷӯи курси чоруми факултаи таълими ибтидоӣ Марҷона Ҳакимова. – Баробари таҳсил тадқиқоти илмӣ мекунам. То ҳол қариб 20 мақолаам дар рӯзнома ва маҷаллаҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон чоп шуд. Соли 2023 дар озмуни «Донишҷӯи сол» сазовори ҷойи аввал гардидам. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявии «Педагогикаи умумӣ» ҷои савумро ба даст овардам. Имрӯзҳо ба озмуни ҷумҳуриявии «Олими оянда» тайёрӣ мебинам. Ин комёбиҳои камтаронаам аз ҷониби маъмурияти донишкада эътироф гардида, ҷоизадори «Стипендияи ректор» гардидам. Кӯшиш мекунам, ки ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳои Сарвари давлат ба мо, ҷавонон соҳаи худро хубтар омӯзам, дар оянда муаллим шуда, шогирдони заковатманду донишмандро тарбият намоям ва ҷиҳати баландтар афрошта шудани парчами омӯзгорӣ саҳми хешро гузорам.

***Матолиби саҳифаро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд Зоҳир ҲАСАНЗОДА ба чоп омода кардааст.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.